**Такриз**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)**

Пӯшида нест, ки аз рӯйдоди воқеаҳои дар ҳудуди минтақа, давлат ва шаҳрҳои марказӣ диққат мидиҳанд. Аз ин рӯ, таърихи ноҳияҳо аксаран берун аз доираи тадқиқот қарор мигирад, ки ин ба диди равшанибахши воқеияти таърихии ин ё он замон имконияти пурра фароҳам оварда наметавонад.

Хурсандиовар аст, ки дар таърихнигории солҳои охир ҳалли масоили ба ин ё он ноҳия иртиботи бевосита дошта, ҳарчи бештар мавқеи назаррас пайдо мекунад. Рисолаи барои дифоъ пешниҳоднамудаи унвонҷӯ С.Х. Зубайдуллозода «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» низ нишондиҳандаест аз воридшавии диди ба талаботи замон мувофиқ дар таърихнигории муосири илмӣ.

Ба таърихогаҳон маълум аст, ки Қубодиёни бостон нафақат шаҳодатест аз гузаштаи дури ифтихорбахши халқи тоҷик, инчунин ба ҳайси яке аз марказҳои муҳимми тамаддунбахши таърихи қадим ва аввали асримиёнагии Мовароуннаҳру Хуросон маълумияти амиқ пайдо кардааст. Албатта, кам нестанд саҳифаҳои ҳанӯз нокушудаи таърихи қадим ва асримиёнагии ин ноҳияи зархези Тоҷикистон. Вале унвонҷӯ тасмим гирифтааст, ки алҳол фақат ба таҳлили таърихи начандон дур ва муосири ин ноҳия (асри XX – ибтидои асри XXI) бо нияти чун рисолаи илмӣ барои дифоъ пешниҳод намудан иқдом гирифта, дар оянда ба таҳқиқи давраҳои қадиму асримиёнагии он ҷиддан машғул шавад.

Рисолаи барои дифоъ пешниҳодшудаи унвонҷӯ С.Х. Зубайдуллозода аз диди мо аз ҳар ҷиҳат кори мустақили илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Аз рӯйи таркиббандии масъалаҳо диссертатсия аз муқаддима, чор боб, 9 зербобҳо ва хулосаю феҳристи маъхазу адабиёти ба доираи тадқиқот воридгардида иборат аст.

Дар пешгуфтор аз рӯйи талаботи барои корҳои диссертатсиявӣ роиҷ, мубраммияти мавзуъ, дараҷаи бевоситаи ба ин масъала иртиботдоштаи он, мақсаду вазифа ва ҳадафи тадқиқот, пойгоҳи сарчашмавӣ ва дараҷаи омӯзиши он, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола ва ғайра возеҳан муайяну асоснок карда шудаанд.

Боби аввали рисола **«Бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX»**, ки аз ду зербоб иборат аст, ба шарҳи мухтасари нишондиҳандаҳои ҷуғрофии аввалан мулки мустақилу баъдан бекигарӣ, сипас ноҳия оғоз ёфтааст. Зербоби дуюм ба шарҳи мухтасари вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Қубодиёни дар ҳайати Аморати Бухоро қарордошта бахшида шудааст. Дар он унвонҷӯ дар асоси маводи сарчашмавӣ ва нишондиҳандаҳои адабиёти илмӣ, фазои воқеии иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва тарзи идоракунии маъмурии ба ҷомеаи феодалӣ хоси Аморати Бухороро дар мисоли бекигарии Қубодиён нисбатан возеҳ кушодааст. Ба доираи таҳлил кашидани мушоҳидаҳои шарқшиносону сайёҳон ва намояндагони ҳарбию дипломатии рус, ки аз рӯйи зарурати корӣ ба Бухорои Шарқӣ сафар тоштаву мушоҳидоти худ, аз ҷумла доир ба Қубодиёнро рӯйи чоп оварданд, чун сарчашмаи муътамад арзиши илмии рисоларо афзудаанд.

Боби дуюми рисола **«Барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ, дигаргунсозиҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 20-40-ум»** чи тавре аз унвонаш бармеояд, ба таҳлили дигаргунсозиҳои баъдиинқилобӣ, мушкилоти замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва азнавсозии баъдиҷангӣ (1945-1950) бахшида шудааст. Ин боб асосан дар заминаи маводҳои бойгонӣ, ахбороти дар матбуоти даврӣ ва далелҳои омории ба чоп расида, мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Унвонҷӯ масоили мушкили замони ҷанг, аз ҷумла, боздиди уҳдадориҳои истеҳсолӣ, сафарбаркунии ҷавонони ноҳия ба ҷабҳа, корнамоии онҳо дар набардҳо, ёрии беминнати аҳли заҳмат

(кишоварзон, коргарон ва зиёиён) ба ҷанговарони дар набардбуда ва ғайраро хеле воқеъбинона ҳадафи таҳлил қарор дода, хулосаи илмӣ бароварда натавонистааст.

**«Ноҳияи Қубодиён дар нимаи дуюми асри XX»** чунин номгузорӣ шудааст боби сеюми рисола. Унвоҷӯ ба омилҳо ва раванди рушди агросаноатии ноҳия, ки зербоби аввал ба таҳлили он бахшида шудааст, диққат зоҳир намудааст. Дар асоси маводи омории барояш дастрас, рушди суръатафзои кишоварзӣ, хосатан, пахтакорӣ, сабзавотпарварию боғдорӣ, чорводорӣ, возеъ намудани майдони кишт ва ғайраро ҳаматарафа омӯхта, натиҷаи ниҳоии накшаҳои панҷсоларо ба таври муқоисавӣ аз диди таҳлил гузаронидааст. Нишондиҳандаҳои тамоми самтҳои хоҷагии ноҳия бар онанд, ки дар ин муддат барои рушди агросаноатӣ заминаи ба талаби замон ҷавобгӯ гузошта шудааст. Алалхусус, он дар дастовардҳои истеҳсолии заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, артели «Коммуна», пойгоҳи техникии барои рушди кишоварзӣ зарурӣ, аз ҷумла мошинаҳои пахтачинӣ, боркаш, трактору тухмипошакҳо ва ғайра аён мегардад. Ҳамчунин унвонҷӯ ба раванди тайёр намудани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, агронону иқтисоддонҳо, технику механикҳо ва кадрҳои роҳбарикунанда диққат зоҳир намудааст.

Як қисми ин боб ба таҳлили пешрафти иҷтимоиёт ва рушди фарҳанги ноҳия бахшида шудааст, ки он ҳам аз дараҷаи зарурии истеъдоди унвонҷӯ дарак медиҳад. Дар асоси далелҳои муътамад, сол то сол афзудани буҷаи ноҳия, беҳтар шудани вазъи иҷтимоии кишоварзону кормандони корхонаҳои саноатӣ ва аҳли зиё дар маърази таҳлил қарор гирифтааст. Аз мисолҳои ниҳоят зиёди доир ба рушди иҷтимоии ноҳия дар рисола омада, барои намуна фақат чунин далелро пеш овардан басанда аст, ки даромади умумии Қубодиён соли 1970 ба 40 108 ҳазор сӯм расида буд. Ин нишондиҳанда соли 1976 ба 81 400 ҳазор сӯм расидааст, яъне беш аз ду баробар афзудааст. Мисолҳои зиёде доир ба рушди бемайлони соҳаи тандурустӣ ва маориф оварда шудааст, ки аз

пешрафти ҳамаҷонибаи хоҷагии халқи ноҳия дар солҳои 70-ум нимаи аввали солҳои 80-ум дарак медиҳад.

Боби ниҳоии рисола **«Ноҳияи Қубодиён дар замони Истиқлолият»** чи тавре аз номаш бармеояд, пурра ба таҳлили давраи муосири ноҳия бахшида шудааст. Дар он давраи фоҷиабори охири «бозсозӣ»-и горбачёвӣ ва даргириҳои сиёсию ҷанги шаҳрвандӣ, ки барои ноҳияи Қубодиён бетаъсир намонда буд, дар маъразн таҳлил гузошта шудааст. Дар ин боб мушкилоти солҳои 90-уми асри XX ва бо заҳмати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузаронидани ислоҳоти ба талаби замон ҷавобгӯ ва таъмини рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ ва ноҳияи Қубодиён, аз ҷумла, дар асоси далелҳои муътамад таҳлили то андозае мукаммал ёфтаанд. Дар зербоби ниҳоии рисола (3-юм) дастовардҳои фарҳангии ноҳия ҳаматарафа ҳадафи таҳлили воқеъбинона қарор гардидааст.

Дар хулосаи рисола ба таври мухтасар муҳтавои умумии ҳар боби он дар ҳамбастагии мантиқӣ оварда шудааст, ки аз аҳаммияти таҳлили илмии мавзуи ҳадафи тадқиқот қарорёфта дарак медиҳад. Дар маҷмуъ, мазмуни диссертатсия нишондиҳандаест аз тайёр будани унвонҷӯ барои пешбурди мустақилонаи кори илмӣ.

Хизмати унвонҷӯ дар таҳлили муқоисавии се давраи таърихи ноҳияи Қубодиён: тоинқилобӣ, давраи шуравӣ ва замони кунунии соҳибистиқлолияти комилу возеҳан ба назар мерасад. Табиист, маҷрои умумии мантиқию илмии ин се давраро бо ҳам пайвастану хусусиятҳои хоси онҳоро нишон додан аз ҳар ҷиҳат таҷрибаи зарурии илмиро тақозо дорад. Чи тавре ба назар мерасад, унвонҷӯ тавонистааст, ки аз ҳар давраи таърихи ноҳия хулосаи илмӣ бардорад.

Рисола аз ҳар ҷиҳат нишондиҳандаест аз қобилияти илмии унвонҷӯ. Вале, чи тавре аз талаботи доимо суръатгирандаи таҳқиқотҳои илмӣ бармеояд, амалан тадқиқот мутлақо бе нуқсони илмӣ буда наметавонад. Рисолаи унвонҷӯ С.Х. Зубайдуллозода низ тибиист, ки дар

ин ҷода истисно нест. Доварони расмӣ ва муқарризон доир ба норасогиҳои чашмраси он ибрози назар хоҳанд кард, ки албата унвонҷӯ онҳоро чун тавсияи ниҳоят муфид бо изҳори ташаккур қабул намуда, дар мавриди барои чоп омода кардани рисола ба инобат хоҳад гирифт.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи унвонҷӯ Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) аз диди мо тадқиқоти пурра баанҷомрасида ҳисоб ёфта, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бо эҳсоси масъулият ба анҷом расонад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пурра мувофиқат менамояд.

Роҳбари илмӣ:
сарходими илмии Шуъбаи
таърихи қадим, асрҳои миёна
ва нави Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ,
доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳ. Пирумшоев

телефон: (+992) 919148736
Эл. почта: pirumshoev.44@mail.ru
2.12.2024 с.

имзои профессор Ҳ. Пирумшоевро
тасдиқ мекунад:
Сардори Шуъбаи кадрҳои Институт Г. Файзуллоева